# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҷурақулзода Умрон Шодиқул дар мавзуи “Хусусиятҳои лексикӣ-сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00.–Забоншиносӣ (10.02.01.–Забони тоҷикӣ)**

Ҳуҷҷатҳои меъёрии иқтисодӣ то кунун мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор нагирифтаанд, вале ҳуҷҷатҳои соҳаҳои дигар омӯхта шуда, вобаста ба онҳо корҳои илмӣ низ анҷом дода шудаанд. Пажуҳишҳои дар ин самт анҷом додашуда, асосан, ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи маориф ва ҳуқуқро дар бар мегиранд. Муҳаққиқоне, ки дар забоншиносии тоҷик дар самти ҳуҷҷатнигории соҳаҳои гуногун таҳқиқот анҷом доданд, хусусиятҳои сарфӣ ё луғавии ҳуҷҷатҳоро ба назар гирифтаанд. Мақсади муаллифи диссертатсия таҳқиқи “Хусусиятҳои лексикӣ-сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ” буда, тавре мушоҳида мешавад, ӯ тавонистаст ба ин мақсади худ бирасад. Забони тоҷикӣ дар тули таърих марҳилаҳои гуногуни таҳаввул ва рушдро аз сар гузаронида, то замони мо чун забони комил ва аз ҷиҳати сохтори сарфию наҳвӣ ташаккулёфта омада расидааст. Бинобар ҳамин, новобаста ба вазъи сиёсиву таърихӣ ва шароити иҷтимоӣ, забони тоҷикӣ асолат ва рисолати худро ҳифз намудааст. Таърихи пайдоиш ва масири рушди забони тоҷикӣ нишон медиҳад, ки дар ҳар давру замон забони тоҷикӣ тағйироти сифатиро аз сар гузаронида, сохти дастурии худро устувор нигоҳ доштааст. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, 8 фаслу 14 зерфасл, хулоса ва феҳрасти адабиёт иборат мебошад, ки дар маҷмуъ 155 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

**Дар муқаддима** оид ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқ, предмети таҳқиқ, асосҳои назарию методологии тақҳиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариву амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиби амалии натиҷаҳои диссертатсия, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумот дода шудааст.

**Боби аввал «Асосҳои назариявию таҳқиқии хусусиятҳои вожагонии ҳуҷҷатҳои меъёрии иқтисодӣ»** унвон дошта, дар он оид ба воҳидҳои луғавӣ, аз ҷумла калимаҳои умумиистеъмол ва истилоҳоти иқтисодӣ дар

ҳуҷҷатҳои меъёрии иқтисодӣ ва таҳқиқи хусусиятҳои луғавию маъноӣ ва морфологии онҳо таҳқиқ сурат гирифтааст. Солҳои охир хуҷҷатнигорӣ ба шохаи мустақили илм табдил ёфта истодааст, аз ин рӯ, хуҷҷатнигорӣ масъалаҳои сохтан ва таҳия кардани ҳуҷҷатҳо, услуби нигориши ҳуҷҷатҳои иқтисодӣ, анвои ҳуҷҷатҳои иқтисодӣ, вижагиҳои забонии ҳуҷҷатҳои иқтисодӣ ва масъалаҳои ба ин монандро ба риштаи таҳқиқ кашидан амри зарурист.

**Боби дуюми диссертатсия «Хусусиятҳои лексикию маъноӣ ва баромади истилоҳоти иқтисодӣ дар ҳуҷҷатҳои иқтисодӣ ва луғатномаҳои соҳавӣ»** ном дошта, дар он истилоҳоти марбут ба соҳаи бонкдорӣ ба пуррагӣ муайян карда шудаанд. Таҳлил ва баррасии вижагиҳои маъноӣ ва сохтории онҳо ҳангоми истифода дар ҳуҷҷатҳои иқтисодӣ ба ҳисоб гирифта шудаанд. Азбаски ташаккул ва такомули истилоҳоти соҳаи бонкдорӣ раванди доимӣ аст, диссертант кушиш намудааст омӯзиши татбиқи дурусту бамавқеи онҳоро таҳқиқ намояд ва ба ин ноил гаштааст.

Маълумоти сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки истилоҳоти иқтисодӣ бо собиқаи таърихии ташаккул ва такомули худ бештар дар замони шуравӣ рушд намуда, ба як низоми муайян даромадааст. Дар забони осори классикӣ ва аз он ҳам қадимтар истилоҳоти иқтисодӣ буданд, вале ба низом даровардани онҳо дар садаи XX сурат гирифтааст, ки дар он таъсири забоншиносии рус мушоҳида мегардад.

**Дар хулоса** натиҷаҳои илмии бадастовардаи унвонҷӯ дар 18 банд мушаххас оварда шудааст.

Бояд гуфт, ки таҳлилу таҳқиқи муфассали мавзуъ ба унвонҷӯ имкон додааст, ки истилоҳоти иқтисодиро аз ҷиҳати лексикию сохторӣ таҳқиқ ва баррасӣ намояд.

Хулоса ва натиҷагириҳои ӯ аз масъалаи таҳқиқшаванда мантиқан дуруст ва далелнок буда, кори анҷомёфта ва масоили дар он баррасишаванда ба шиносномаи ихтисоси 10.02.00.–Забоншиносӣ (10.02.01–Забони тоҷикӣ) мувофиқ аст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар мерасад, ки онҳо чунинанд:

1. Ҳангоми муаррифии диссертатсия унвонҷӯ баъзе аз фаслу зерфаслҳоро омехта овардааст.
2. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешаванд.

Албатта, камбудию норасоиҳои ҷойдошта ислоҳшаванда буда, моҳияти илмии диссертатсияро коста намекунанд.

Автореферати ба забонҳои тоҷикию русӣ мураттабгардида мазмуну муҳтавои диссертатсияи Ҷурақулзода Умрон Шодиқул дар мавзуи “Хусусиятҳои лексикӣ-сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо)” пурра инъикос менамояд. Диссертатсия таҳқиқоти мукаммали баанҷомрасида маҳсуб ёфта, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00.–Забоншиносӣ (10.02.01-забони тоҷикӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи забонҳои
ДДТХ Одинаев Саидаҳмад Полвонович

«20» марти 2025 с.

Имзои номзади илмҳои филологӣ,
Одинаев С. П.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи
Давлатии тиббии Хатлон Асоев С. П.

Нишонӣ: н. Данғар, кӯчаи И. Шариф, 3
Донишгоҳи Давлатии тиббии Хатлон
Тел.: (83312) 2-10-34; 2-22-53
E-mail: info@khatmedun.tj

«20» марти 2025 с.